# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ
ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ
КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ
# ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ НОЗИРОНУ МУШОВИРОНИ РАЁСАТУ ШУЪБАҲОИ МАОРИФИ ВИЛОЯТҲО ВА ШАҲРУ НОҲИЯҲО

**Душанбе - 2023**

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30.11.2023, №11/7 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон:**

**Раҳматшоев Исфандиёр** – мудири кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ.

**Шердилова Сурайё -** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ.

**Ҳасанов С -** омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ.

**Муқарризон:**

**Сироҷиддинов М.,** ходими илмии раёсати таҳлил ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ.

**Ҳайдаров Б.,** мутахассиси МҶТМ

**Муҳаррир:**

**Холназаров Имомназар** – омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ

Барномаи мазкур бо дарназардошти талаботи муосир ва муносибати босалоҳият ба таълим таҳия шуда, бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии нозирону мушовирони раёсату шуъбаҳои маориф ва бо мақсади ҳар чи бештар ошноӣ пайдо кардани онҳо бо ҳадафу моҳияти тағйироти сохторӣ ва ислоҳоти дар соҳаи маоифи кишвар ба вуқуъ пайваста тавсия карда мешавад. Татбиқи барнома тавассути воситаҳои нави таълим (слайдҳо, филмҳои таълимӣ ва ғ.) ҷараён мегирад.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси нозирону мушовирони раёсату шуъбаҳои маорифи ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст.

# Пешгуфтор

Имрӯз кишвари мо дар марҳилаи нави ислоҳот қарор дошта, мутобиқи талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар тамоми соҳаҳо дигаргуниҳои густурда амалӣ гашта истодаанд, ки тибқи он ҳадафи олии он рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Албатта, ноил гардидан ба ин ҳадафҳо ва дар қатори кишварҳои пешрафтаи муосири ҷаҳон мавқеи арзанда пайдо кардани мамлакати мо, пеш аз ҳама ба рушди илму маориф ва дар ин замина тарбия намудани мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ, вобаста мебошад, чунки агар мо ба сифати омода намудани кадрҳои ояндасоз таваҷҷуҳ зоҳир накунем, сатҳи касбии онҳоро баланд набардорем ва онҳоро бо маълумоти мукаммали замонавӣ мусаллаҳ насозем, рушди устувори ояндаи кишварро таъмин карда наметавонем.

Муҳайё сохтани шароити мусоиди таълимиву тарбиявӣ ва гузариш ба низоми таҳсилоти рақамӣ, ки маҳз дар даврони Истиқлолоият шуруъ гардидааст, барои баланд бардоштани сифати таълим ва бедор кардани завқу ҳаваси хонандагон ба донишомӯзӣ мусоидат менамояд. Ҳоло дар соҳаи маориф татбиқи стандартҳои нави таълимӣ идома дошта, таълими хонандагон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим ба роҳ монда шудааст, ки он дар навбати худ зарурати ворид намудани шаклу воситаҳои нави азхудкунии илму дониш, мунтазам гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва тақвияти малакаву маҳорати касбии омӯзгорон, таҳияву таълифи насли нави китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимиро тақозо менамояд.

Барномаи таълимии курсҳои такмили ихтисоси нозирону мушовирони раёсату шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар доираи 54 соати таълимӣ таҳия шудааст.

Барномаи мазкур дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, “Тартиби такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф коркард шудааст.

Мақсади асосии барнома ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон бо роҳи шинос намудани онҳо бо дастовардҳои нави илм, роҳу усулҳои нави таълим, методикаи умумӣ ва хусусии таълими фанҳо дар синфҳои алоҳида бо истифодаи усулҳои нави инноватсионии таълим мебошад.

Барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос аз қисматҳои зерин иборат аст:

- унсурҳои муҳимтарин ва муосири сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;
- дастовардҳои нави илми педагогика ва равоншиносӣ (аз рӯйи фанҳо);
- усулҳои нави таълим, таҷрибаи пешқадам, навоварӣ аз рӯйи тахассус (фаъолият);
-истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва инноватсионӣ дар раванди таълим ва тарбия;
- масъалаҳои муосири экологӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ;
- корҳои амалию таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти такягоҳӣ;
- коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Инчунин дар барнома нақша ҷой дода шудааст, ки раванди таълимро дар курс муайян карда, фаъолияти таълимии онро мувофиқи мақсад ба роҳ мемонад.

Нақша ва барнома аз чор қисм иборат аст:

1. **Мақсади таълим -** мақсадҳои мушаххаси таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд, дар бар мегирад;

2. **Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути аз худ кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

3. **Фаъолияти таълим -** аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

4. **Вақт -** вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

**Талаботи барнома**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси нозирону мушовирони раёсату шуъбаҳои маориф бояд дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои зеринро пас аз курс соҳиб гарданд:

–сиёсати давлатро дар соҳаи маориф шарҳ дода фаъолияти таълимро дар асоси он ба роҳ монанд;

–навгониҳои соҳаи педагогика ва психологияро донанд ва амалан татбиқ намоянд;

–мақсад ва мазмуни стандарти давлатии таълими фанҳоро шарҳ дода, дар асоси он барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои тақвимӣ ва дарсиро таҳия, ташхис ва таҳлил карда тавонанд;

–усулҳои фаъоли таълимро донанд, муносибату воситаҳои онро дар амал татбиқ намоянд;

–ҳангоми арзёбии фаъолияти таълимии омӯзгорон ва хонандагон аз усулу воситаҳои гуногуни арзёбӣ истифода баранд;

–асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими фанҳо мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълим ба роҳ монанд;

–мавзуъҳои ҳар як фанро бо масъалаҳои ҳаётӣ алоқаманд карда, ба омӯзгорон дар ин хусус маслиҳат диҳанд;

–муносибати босалоҳият ба таълим ва роҳу усулҳои татбиқи онро истифода намоянд;

– истифодаи маводи рақамиро дар ҷараёни таълим донад;

– дарёфт ва татбиқи усулҳои самараноки омӯзиш ва таълимро донанд;

– роҳҳои омӯзиш, таҳлил ва хулосабарорӣ аз фаъолияти эҷодӣ ва таҷрибаи пешқадами педагогиро донанд;

– дастовардҳои навини илми педагогикаю психология, педагогикаи мардумӣ, методологияи муосири таълим, асосҳои илмию амалии фаъолият, самтҳои ислоҳоти соҳаи маориф, ба хусус қонунмандиҳои гузариш ба низоми нави таҳсилот, хусусиятҳои ҷорӣ намудани шаклҳои нави таълимро дар шароити муосир донанд.

Талаботи мазкур тавассути тести ҷамъбастӣ арзёбӣ шуда, ба иштирокчии курс холи муайян гузошта мешавад. Бо дарназардошти натиҷаи тести ҷамъбастӣ аз хатми курси мазкур ба иштирокчиён шаҳодатнома дода мешавад.

Аз шунавандагони курс эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро нисбат ба барномаи мазкур ба суроғаи электронии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф **takmili.ihtisos@maorif.tj** ирсол намоянд.

# НАҚШАИ
## таълимии курси такмили ихтисоси нозирону мушовирони раёсату шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Тахассус, такмили маҳорати касбӣ | **54** | **22** | **32** |
| 2. | Менеҷменти сиёсӣ | **2** | **2** | **-** |
| 3. | Педагогикаи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 4. | Психологияи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5. | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | 2 | - |
| 6. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 7. | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |
| | **Ҳамагӣ** | **72** | **30** | **42** |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси нозирону мушовирони раёсату шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | **Такмили дониш, малака ва маҳорати касбӣ** | **54** | **22** | **32** |
| 1.1. | Вазифаҳои хизматии Раёсат, мушовирони идорӣ ва мақомоти маҳаллии идораи маориф | 2 | 1 | 1 |
| 1.2. | Асосҳои назариявӣ ва методии санҷишҳои нозирӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.3. | Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» | 4 | 2 | 2 |
| 1.4. | Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он | 6 | 2 | 4 |
| 1.5. | Арзёби ҳамчун омӯзиш | 2 | 1 | 1 |
| 1.6. | Роҳҳои истифодаи самараноки маводи рақамӣ дар раванди таълим | 6 | 1 | 5 |
| 1.7. | Вазифа ва уҳдадориҳои субъектҳои идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 4 | 2 | 2 |
| 1.8. | Татбиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2 | 1 | 1 |
| 1.9. | Таҳсил дар асри 21 | 2 | 1 | 1 |
| 1.10. | Нақш ва шаклҳои роҳбаладӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.11. | Нақш ва вазифаҳои Марказҳои минтақавии методӣ дар рушди касбии омӯзгорон | 4 | 1 | 3 |
| 1.12. | Муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.13. | Хадамоти методии муассисаи таълимӣ ва | 4 | 2 | 2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | мақоми он. Иттиҳодияҳои методии фаннӣ омили муҳими такмили тахассус ва рушди маҳорати касбии омӯзгорон. | | | |
| 1.14. | Кори амалӣ дар муассисаҳои такягоҳӣ | 6 | 1 | 5 |
| 1.15. | Мактаби таҷрибаи пешқадам | 2 | 1 | 1 |
| 1.16. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» | 2 | 1 | 1 |
| 1.17. | Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2 | 1 | 1 |
| 1.18. | Аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2 | 1 | 1 |
| **Ҳамагӣ** | | **54** | **21** | **33** |
| 2. | **Мавзуъҳои иловагӣ** | | | |
| 2.1. | Нақшаи стратегӣ. Зарурати нақшаи стратегӣ. Роҳҳои таҳиясозии нақшаи стратегӣ | 4 | 1 | 3 |
| 2.2. | Фаъолияти хадамоти методии мактаб ва мақоми он дар рушди маҳорати касбии омӯзгорон | 4 | 2 | 2 |
| 2.3. | Арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ | 6 | 2 | 4 |
| 2.4 | Роҳҳои пешгирии ҷинояткорӣ, қонуншиканӣ, хурофотпарастӣ ва терроризму экстремизм | 4 | 2 | 2 |
| 2.5. | Роҳбаладӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи роҳбаладӣ | 2 | 1 | 1 |
| 2.6. | Сиёсати давлатӣ кор бо бачагони лаёқатманд | 2 | 1 | 1 |
| 2.7. | Хусусиятҳои фаъолияти муассисаҳои намудҳои гуногун: муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, шабона, ғоибона, мактаб-интернатҳо, хонаҳои кӯдакон ва мактабҳои камнуфус | 2 | 1 | 1 |
| 2.8. | Мушоҳида ва таҳлили педагогии дарс | 4 | 2 | 2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **28** | **12** | **16** |

## 1. Такмили малака ва маҳорати касбӣ (54 соат)

### Мавзуи 1.1. (2 соат). Вазифаҳои хизматии раёсат, мушовирони мақомоти идорӣ ва мақомоти маҳаллии идораи маориф

Маълумоти умумӣ дар бораи ваколату вазифаҳои хизматии нозирон ва мушовирон. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқӯқӣ ва тавсияҳои методӣ. Фаъолияти раёсат ва шуъбаҳои маориф дар доираи системаи идораи умумии соҳаи маориф. Сохтор ва мазмуни кори раёсат ва шуъбаҳои маориф. Банақшагирӣ, расонидани ёрии методӣ ва тибқи талабот омода кардани ҳуҷҷатҳо. Назорат ва арзёбии иҷрои вазифаҳои хизматӣ.

**Мавзуи 1.2 (2 соат). Асосҳои назариявӣ ва методии санҷишҳои нозирӣ**

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба ташкилу назорати идораи давлатии соҳаи маориф ва ҷараёни таълиму тарбияи хонандагон. Омӯзиши вазъи корҳои методӣ ва пешниҳоди тавсияҳои методии ёрирасон ба роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ. Ваколати нозирон ва гузаронидани санҷишҳои нозирӣ. Тарз ва усули санҷиш. Тартиби банақшагирии санҷишҳои нозирӣ ва омода кардани ҳуҷҷатҳои он. Санҷишҳои нозирии системаи маориф.

**Мавзуи 1.3. (6 соат). Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он;**

Масъалаҳои назариявию амалии таълими салоҳиятнокӣ. Консепсияи муносибати бослаҳият ба таълим. Мафҳуми таълими босалоҳият, марҳилаҳои пайдоиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмию методӣ. Назарияҳои ташаккули салоҳиятнокии хонандагон. Муқоисаи хусусиятҳои таълими анъанавӣ ва таълими

босалоҳият, сабаби ворид намудани тағйирот ба муносибат ба таълим, моҳият, дастовард ва норасоиҳо. Ташкили раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Мазмуну мундариҷаи методҳои шарҳӣ-аёнӣ дар раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Кори амалӣ бо ҷадвали муқоисавии хусусиятҳои фарқкунандаи таълими анъанавӣ ва босалоҳият.

Таҳлили талаботи стандарти фаннӣ, сохтор, самт, салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо, ки талаботи асосӣ. Салоҳиятҳо ҳамчун асос барои арзёбӣ, мақсадгузорӣ ва банақшагирии раванди таълим. Ҷанбаҳои асосии муносибати босалоҳият ба таълим. Шаклҳои гуногуни супоришҳои таълимӣ ва корҳои амалӣ.

**Мавзуи 1.4. (4 соат). Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Вазифаҳои Қонуни мазкур. Кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил. Забони таҳсил. Стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ. Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сохтори низоми маориф. Муассисаи таълимӣ, сохтор ва намудҳои он. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ. Тартиби бақайдгирӣ ва фаъолияти муассисаи таълимӣ. Муассиси (муассисони) муассисаи таълимӣ. Оинномаи муассисаи таълимӣ. Таълиму тарбияи томактабӣ. Таҳсилоти умумӣ. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ. Таҳсилоти миёнаи касбӣ. Таҳсилоти олии касбӣ. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ. Таҳсилоти иловагӣ. Таҳсилоти махсус. Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот. Бо кор таъмин намудани хатмкардагони

муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ. Ташкили раванди таълиму тарбия. Мақсад ва шаклҳои танзими давлатӣ дар соҳаи маориф. Идоракунии сифати таҳсилот. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф. Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ. Баҳогузории маҷмуи ба фаъолият, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ. Мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф. Ваколатҳои вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маориф. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. Вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ. Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ. Асосҳои илмӣ ва таъминоти илмии соҳаи маориф. Субъектҳои раванди таълиму тарбия. Ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия. Стипендия ва дигар пардохтҳои пулӣ. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар соҳаи маориф. Мазмуни мақоми омӯзгор. Фаъолияти омӯзгорӣ. Усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ. Ҳуқуқҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Уҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор. Имтиёзҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Таъминоти моддии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф.

**Мавзуи 1.5. (2 соат). Арзёбӣ ҳамчун омӯзиш**

Арзёбӣ қисми муҳими раванди таълим. Арзёбӣ ҳамчун системаи ягонаи муттаҳидшуда бо раванди таълим. Вазифаҳои асосии назорат, ҳавасмандкунӣ ва дастгирии хонандагон. Арзёбии асоси омӯзиши самаранок. Таҳлили натиҷаҳои таълим аз ҷониби омӯзгор. Таъмини робитаи мутақобил ва дастгирӣ бо хонанда. Роҳбарӣ ва ҳамкорӣ барои рушд. Такмили ҷараёни таълим.

**Мавзуи 1.6. (6 соат) Роҳҳои истифодаи самараноки маводи рақамӣ дар раванди таълим**

Афзалиятҳои маводи рақамӣ дар ҷараёни таълим ва омӯзиш. Аҳамияти омӯзиши фосилавӣ бо истифода аз маводи рақамӣ. Сохтори дарсҳои видеоӣ, Банақшагирии омӯзишҳои фосилавӣ бо истифода аз дарсҳои видеоӣ ва барномаҳои таълимӣ ва иҷтимоӣ. Арзёбии натиҷаи пешрафти таълимии муҳассилин ҳангоми истифодаи дарсҳои видеоӣ. Тавсияҳо ба роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ омӯзгорон ва падару модарон оид ба истифодаи дарсҳои видеоӣ.

**Мавзуи 1.7. (4 соат) Вазифа ва уҳдадориҳои субъектҳои идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Вазифа ва уҳдадориҳои директорон ва муовинони онҳо дар ҷраёни таълиму тарбия. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва равоншиносӣ. Дарки масъалаҳои ҳуқуқ ва вазифаҳои ниҳодҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро оид ба масъалаҳои таҳсилоти умумӣ. Риоя ва татбиқ намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти умумӣ. Дар якҷоягӣ бо Шурои педагогӣ ва дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи маорифи шаҳр, ноҳия муайян кардани самтҳои асосии рушди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзуи 1.8. (2 соат) Татбиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Консепсияи миллии тарбия сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи насли наврас муайян

месозад. Марҳилаҳои тарбия. Сохтор, мазмун ва мундариҷаи он.

**Мавзуи 1.9. (2 соат). Таҳсил дар асри 21**

Маҳфумҳои асосии таҳсил дар асри 21. Таҳсилот дар сатҳи ҷаҳон ва маҳал дар асри 21. Муқаррарсозии робита байни таҳсил дар асри 20 ва асри 21. Робита байни мақсадҳои таҳсил дар асри 21 ва муносибати босалоҳият ба таълим. Унсурҳо ва асоси педагогикаи асри 21. Хусусиятҳои таҳсил дар асри 21.

**Мавзуи 1.10. (2 соат). Нақш ва шаклҳои роҳбаладӣ**

Нақши роҳбалад дар инкишофи маҳорати касбии омӯзгор. Роҳбаладӣ дар сатҳи синф ва муассисаи таълимӣ. Роҳҳои инноватсионии расонидани кумак.

**Мавзуи 1.11. (4 соат). Нақш ва вазифаҳои Марказҳои минтақавии методӣ дар рушди касбии омӯзгорон**

Мақоми Маркази методии минтақавӣ. Вазифаҳои асосии Маркази методии минтақавӣ. Роҳбарӣ ва назорат ба фаъолияти Маркази методии минтақавӣ.

**Мавзуи 1.12. (2 соат). Муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ**

Коррупсия чист? Намудҳои амалҳои коррупсионӣ. Сабаб ва омилҳои мавҷудияти коррупсия. Ташаккули мафкураи зидди коррупсионӣ. Мубориза алайҳи коррупсия вазифаи ҳамагон аст

**Мавзуи 1.13. (2 соат). Хадамоти методии муассисаи таълимӣ ва мақоми он. Иттиҳодияҳои методии фаннӣ омили муҳими такмили тахассус ва рушди маҳорати касбии омӯзгорон**

Хадамоти методии муассисаи таълимӣ. Сохтори хадамоти методии муассисаи таълимӣ. Кабинети методии муассисаи таълимӣ. Шурои методии муассисаи таълимӣ.

Вазифаи хадамоти методии муассисаи таълимӣ. Фаъолияти кабинети методии муассисаи таълимӣ. Нақшаи солонаи кабинети методии муассисаи таълимӣ. Шурои методӣ. Фаъолияти Шурои методӣ.

Нақшаи кори иттиҳодияҳои дохилимуассисавӣ. Вазифаҳои иттиҳодияи методӣ. Ҳуҷҷатнигории иттиҳодияи методӣ. Нақшаи намунавии фаъолияти солонаи иттиҳодияи методии омӯзгорон. Ҷамъомадҳои иттиҳодияҳои методӣ. Таҳлили дарсҳо. Портфолиои иттиҳодияи методӣ. Омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон. Ёрии методӣ ба омӯзгорони ҷавону навкор оид ба омӯзиши усулу равишҳо ва технологияи нави таълим. Такмили маҳорати касбии омӯзгорон. Омӯзиши барномаҳои таълимӣ. Таҳлили дониш ва маҳорати хонандагон. Баррасии ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳа ба омӯзгорон.

**Мавзуи 1.14. (6 соат). Кори амалӣ дар муассисаҳои такягоҳии шаҳри Душанбе**

**Мавзуи 1.15. (2 соат). Мактаби тачрибаи пешқадам**

Шиносоӣ бо дастурҳои методӣ. Омӯзишу баррасии таҷрибаи пешқадам аз тарафи роҳбарон. Баррасии таҷрибаи муаллимони навҷӯю нововар. Мақсади асосии омӯзишу ҷамъбаст ва паҳн намудани тачрибаи пешқадами педагогӣ баҳри баланд бардоштани дониш ва маҳорати касбии омӯзгорон.

**Мавзуи 1.19. (2 соат). Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»**

Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Моддаи 1. Муносибатҳое, ки Қонуни мазкур танзим менамояд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти

падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Мафҳумҳои асосӣ. Вазифаи падару модар, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд. Баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳо. Уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак.

**Мавзуи 1.20. (2 соат). Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилот миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зарурати гузариш ба низоми нави таҳсилот. Мутобиқ сохтани низоми таҳсилоти стандарти чаҳонӣ. Зарурати дигар кардани низоми таҳсилоти пештара. Зинаҳои таҳсилот. Нақши таҳсилот дар рушди ҷомеа. Таҳсилоти миёнаи умумӣ ва тамоюли рушди фазои таҳсилот. Талаботи нави иҷтимоӣ ба низоми нави таҳсилот. Вазъи кунунии низоми таҳсилот ва зарурати азнавсозии он. Мақсад ва вазифаҳои низоми нави таҳсилот. Муҳайё намудани шароит барои баланд бардоштани сифати таълим дар муассисахои таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касби-техникӣ. Рушди муносибатҳои молиявӣ дар низоми нави таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ-касбӣ. Таъминоти кадрӣ ва дастгирии онҳо аз тарафи давлат ва ҷомеа. Баланд бардоштани мақоми кормандони педагогӣ. Дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонии кормандони педагогӣ ва идораи соҳаи маориф. Баландбардории маҳорати касбии кадрҳои педагогӣ. Таҷдиди низоми нави таҳсилот ва тарзи назорати сифати он. Такмили сохтор ва афзудани маблағгузорӣ ба таҳсилот. Тақвияти самти иҷтимоии таҳсилот. Амалӣ гардидани Консепсия ва натиҷаи он дар рушди кишвар.

**Мавзуи 1.21. (2 соат). Аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Шинос намудани бо қоидаҳои аттестатсия. Мақсад ва вазифаҳои аттестатсия ва механизми гузаронидани он. Фаъолияти комиссияи аттестатсионӣ ва гурӯҳи мумаизӣ (экспертии) он. Ҳавасмандии аттестатсияшавандагон аз тарафи шуъбаҳои маориф. Мақоми нозирон ва мушовирони шуъбаҳои маориф дар ташкилу гузаронидани аттестатсияи кормандони педагогӣ.

## 2. Мавзуъҳои иловагӣ (32 соат)

**Мавзуи 2.1. (4 соат). Нақшаи стратегӣ. Зарурати нақшаи стратегӣ. Роҳҳои таҳиясозии нақшаи стратегӣ**

Маълумоти мухтасар оид ба Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳо, мақсад ва вазифаҳои асосии он. Афзалиятҳои рушди соҳаи маориф. Натиҷаҳои интизории татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030. Зарурати нақшаи стратегӣ. Қадамҳо доир ба тартиб додани нақшаи стратегӣ. Ҷамъоварии иттилоот, таҳлил ва муқоисаи он бо миссияи муассисаи худ. Ҷобаҷогузории эҳтиёҷот аз рӯи афзалият ва муайян кардани роҳҳои ҳалли онҳо. Банақшагирии стратегӣ, раванди тавсифи ҳадафҳо. Намунаи таҳияи ҷадвали мақсадҳои рушди муассиса. Кори амалӣ: Таҳияи нақшаи стратегии муассиса дар рафти машғулият.

**Мавзуи 2.2. (6 соат). Арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ.**

Моҳияти арзёбии ҷамъбастӣ, шароит барои арзёбии ташаккулдиҳанда, *мақсадҳои таълимиро* донистан ва фаҳмидани хонандагон, *робитаи мутақобили* самаранок бо хонандагон, *иштироки фаъоли* хонандагон дар ҷараёни маърифатии шахсӣ, *меъёрҳои баҳогузориро* донистан ва фаҳмидани хонандагон, имконият ва маҳорати хонандагон

дар таҳлили кори худ (*рефлексия*), *тасҳеҳи раҳёфт ба тарзи таълим* бо назардошти натиҷаҳои баҳогузорӣ.

**Мавзуи 2.3. (4 соат). Роҳҳои пешгирии ҷинояткорӣ, қонуншиканӣ, хурофотпарастӣ ва терроризму экстремизм**

Шарҳу тавзеҳи вожаҳо. Омилҳои даст ба қонуншиканӣ ва ҷинояткорӣ задани кормандони соҳаи маориф. Таассуби динӣ ва хурофотпарастӣ. Моҳияти иртиҷоӣ ва ифротгароии созмонҳо ва равияҳои тундрави исломӣ. Терроризм ва экстремизм-вабои аср. Роҳу усулҳои пешгирии шаҳрвандон аз ин гурӯҳҳо. Роҳҳои муқовимат ба ин падидаҳои номатлуб.

**Мавзуи 2.4. (2 соат). Роҳбаладӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи роҳбаладӣ**

Маълумоти умумӣ дар бораи роҳбаладӣ. Шаклҳои роҳбаладӣ. Ба омӯзгорони ҷавон вобаста намудани роҳбаладон. Нишон додани камбудиҳои мутахассисони ҷавон барои беҳтар намудани сатҳи омодагии касбии онҳо.

**Мавзуи 2.5. (2 соат). Сиёсати давлатии кор бо хонангони болаёқат**

Ташкили муносибатҳои таълимӣ бо хонандагони лаёқатманд. Омӯзиши хонандагони болаёқат ва тарзи ташкили кор ва муносибат бо онҳо.

**Мавзуи 2.6. (2 соат). Хусусиятҳои фаъолияти муассисаҳои намудҳои гуногун: мактабҳои таҳсилоти умумӣ, шабона, мактаб-интернатҳо, хонаҳои кӯдакон, мактабҳои камнуфус (камкомплект)**

Маълумот дар бораи вазъи таълиму тарбия дар ин муассисаҳои таълимӣ. Низомнома, Оиннома ва сохтору вазифаҳои онҳо. Таҳлили назорати нозирии фаъолияти ҷомеаи педагогӣ. Банақшагирӣ ва ташкилотчигии роҳбарон.

Нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ. Корҳои тарбиявӣ дар гимназияю литсейҳо. Мақоми роҳбарияти

муассисаи таълимӣ дар роҳбарию назорат ва амалӣ гардонидани қонуну қарорҳои соҳаи маориф.

**Мавзуи 2.7. (4 соат). Мушоҳида ва таҳлили педагогии дарс**

Нақшаи дарс. Мақсадҳои умумӣ. Мақсадҳои аниқ. Меъёрҳои асосии мақсадҳои аниқи дарс. Омӯзиши ҳолати таълим. Назорати сатҳи дониш, малакаю маҳорат ва салоҳиятҳои хонандагон. Омӯзиш ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадам. Назорати қисматҳои ҷудогонаи дарс. Ёрии методӣ. Мушоҳидаи таъмини ҷанбаи тарбиявии дарс. Омӯзиши фаъолияти омӯзгор барои аз аттестатсияи навбатӣ гузаронидан. Мушоҳида берун аз нақша. Назорати иҷрои барномаи таълимӣ. Назорати техникаи бехатарӣ аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон (дар дарсҳои амалӣ). Навъҳои таҳлили дарс. Худтаҳлилкунӣ. Натиҷаи хулоса.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ


1. Атахонов Т. Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ. Воситаи таълим. Душанбе, 2005.
2. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. Душанбе, 1994.
3. Алиев Б.А. Асосҳои информатика. Қисмҳои I ва II. Душанбе, 1996.
4. Бекназаров М., Ёқубова М., Раҳимзода Х., Муҳаммадиева С., Раҳмонова М. Тарзи ҳаёти солим. Душанбе. 2002.
5. Бабанский Ю.К. Оптимизация учебно-воспитательного процесса. М: 1987.
6. Таҳсил дар асри 21.-Душанбе, 2020.-38с.
7. Бобоев Ҳ. Мавқеъ ва мақоми такмили ихтисос дар низоми миллии таҳсилот.-Душанбе: Матбааи ВМИ ҶТ, 2016.-156 с.
8. Давыдов В.В. Теория развивающего обучения М., 1996.
9. Дидактические основы компьютерного обучения. -Л.,1989.
10. Инновационный менеджмент. Справочное пособие. Под редакции Завлина А. Г.
11. Искандаров Ҳ. Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ (дастури методӣ). Душанбе. Солҳои 2005, 2007
12. Кодиров С. Давлатов.М. Психология. Душанбе .2002.
13. Кулагина И.Ю.- Возрастная психология. М. 1996.
14. Қурбонов Г.Банақшагирии фаъолияти солонаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Маорифи Тоҷикистон. №2.2009.
15. Куркин Е.Б. Управление образованием в условиях рынка. М: 1997.
16. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи тоҷик. Душанбе, 1997.
17. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. Душанбе, 2011

18. Ладнушкина Н.Мониторинг как аспект управленческой деятельности. Народное образование, 2001.

19. Майоров А.Н. Мониторинг в образование. М: 2005.

20. Мененджмент. Лидерство и экономика в сфере образования. Материалы ИУУ ГБАО, Хорог, 2003.

21. Низомномаи намунавии Маркази методии минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020,15с.

22. Плахова Л.М. Как сделать хорошую школу? М: 2002.

23. Рахимзода Х.Ассотсиатсияи волидон ва омӯзгорон ҳамчун шакли нави идораи мактаб. Душанбе, 2004.

24. Сафин Д.В. ва Мусина Р.Г. Роҳбаладӣ ва дастгирии методии омӯзгорон. Дастури методӣ. Душанбе, 2010.

25. Соколов А.Б. Мозговой штурм. /Директор школы. 2006.№1. с.30-34.

26. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури методӣ. Зери таҳрири Сафин Д.В. ва Мусина Р.Г. Душанбе, 2006.

27. Шарифов З. Ислоҳоти маориф: пешравӣ, мушкилот ва пешниҳодот, Душанбе, 2003.

28. Шарифов З., Ветров В.И, Катаева З.А. Консепсия развития финансирования сферы образования РТ. Труды ТУТ. Выпуск Х, Душанбе. Ирфон, 2004.

29. Хоников Ш.М. Анализ урока как одна из методов мотивационного менеджмента, Ступени знание, Д., № 6, 2005. соли 22-30.

30. Хоников Ш.М. Эффективность экспериментального применения мотивационного менеджмента в деятельности школы. Вестник Хорогского университета, № 6, 2006.соли 40-51.

31. Шарифов А. Дастурамал оид ба кори ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, 2004.

32. Искандаров Ҳ., Ниёзмамадова Н. Вазифаҳои (намунавии) хизматии роҳбарон, омӯзгорон, кормандони

педагогӣ, техникӣ ва хизматгузорони муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, иловагӣ ва таълимӣ – методӣ. Душанбе, 2009.

33. Роҳнамо барои омӯзгорон ва падару модар.Душанбе:2022-71 с.

34. Маҷмӯӣ воситаҳои методӣ барои рушди касбии омӯзгорон.Душанбе:Матбааи ВМИҶТ,2021.-36 с.

35. Менеҷмент ва сарварӣ дар соҳаи маориф. Душанбе, 2011.

36. Менеҷменти молиявӣ. Душанбе, 2011.

37. Шарифов В. Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ. Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик. Душанбе, соли 1984.

38. Дастурамал доир ба бурдани ҳисоби муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Вазорати молияи ҶТ аз 30.12.1999, № 163).

39. Ҳуҷҷатгузорӣ дар кабинети методии шуъбаи маориф. Маҷаллаи «Масъалаҳои маориф», № 1, 2010, саҳ.61-64

38.Муҳиддинов Қутбиддин. Банақшагирии раванди таълиму тарбия.Душанбе – 2010.

39. Муҳиддинов Қ.,Зиёев М., Шодиева З.Роҳнамои методӣ. - Душанбе 2012.

40. Роҳбаладӣ ва мониторинг дар муассисаи таълимӣ.Душанбе: Матбааи ВМИҶТ, 2021.-62 с.

**Адабиёти иловагӣ**

41. Эмомалӣ Раҳмон. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст. Душанбе, 2007.

42. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳо бо зиёиён, занон ва ҷавонони кишвар.

43. Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

44. “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”.

45. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 2013.
46. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2003.
47. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2006.
48.Низомномаи атестатсияи муассисаҳои таълимӣ.
49.Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
50. Низомномаи намунавии кор бо муаллимони ҷавон. Душанбе, 2003.
51. Низомномаи намунавии шурои методии муассисаҳои таълимӣ. Душанбе, 2002.
52. Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дастурӣ дар бораи муассис, аттестатсия, литсензия, аккредитатсия ва ғ. Душанбе, 2003.